**Тақризи**

**мушовири илмӣ ба кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” бо ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – “Филология”**

Забон чун падидаи иҷтимоӣ дорои вижагиҳои хос буда, аз замонҳои қадим то имрӯз доир ба паҳлуҳои гуногуни он аҳли илм баҳсу талошҳои зиёде кардаанд. Бо вуҷуди баҳсҳое, ки ин масоили забонро аз дидгоҳи мухталиф фаро гирифтаанд, ҳанӯз ҳам масоили мубраму муҳим ва ҳалногардидаи он мавҷуд буда, таҳлилу таҳқиқи бештару беҳтареро аз олимону пажӯҳишгарон интизор аст.

Баҳси илмӣ доир ба пайдоиши нутқу забон дар байни олимон солҳои зиёде идома ёфта, намояндагони мактабҳои гуногуни забоншиносӣ доир ба ин ду мафҳум аз дидгоҳҳои мухталиф назару андешаҳои худро баён кардаанд.

Дар ҳамин росто, аз ҷониби доторант Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна мавриди пажӯҳиш қарор додани вижагиҳои забонии нутқи кӯдак дар муҳити забони тоҷикӣ барои илми забоншиносии тоҷик нав ва хеле муҳиму мубрам арзёбӣ мегардад. Ба чунин як мавзӯи хеле душвор рӯ овардани докторант М. Сайдалиева аз завқи беандоза, дониши фарох ва шахси мушоҳидакор будани ӯ дарак медиҳад.

Дар раванди таҳқиқ докторант, пеш аз ҳама, ба интихоби объекти таҳқиқ, роҳу усулҳои гирдоварии мавод, таҳияи пурсишномаҳо, сабти аудиоию видеоии марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи кӯдакони мавриди омӯзиш қарордодашуда таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Сипас, ӯ талош кардааст, ки асарҳои илмии зиёдеро аз осори олимони ватанию хориҷӣ мутолиа намуда, асосҳои назариявии кори диссертатсионии худро ба вуҷуд биёрад. Тавре ки аз равиши таҳқиқ бармеояд, докторант барои он ки назарияии илмии афкори худро тақвияти бештаре бахшад, дар баробари осори илмии забоншиносӣ аз асарҳои муҳаққиқони илмҳои психологӣ, психологияи равонӣ, биологӣ ва педагогӣ низ баъзан фоида ҷустааст.

Сайдалиева Муҳайё дар қисмати муқаддимавии кори илмии худ тамоми он талаботҳои роиҷеро, ки барои таҳияи кори диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, ба эътибор гирифтааст.

Муҳаққиқ барои таҳкими бахши назариявии кори диссертатсионӣ ба шарҳи мафҳуми онтолингвистика пардохта, онро дар асоси афкори

назариявии муҳаққиқони варзидаи забоншинос ва олимони забоншиносии равонӣ ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор дода, доир ба мавқеи он дар доираи илмҳои лингвистӣ назари худро баён кардааст.

Афкори назариявии докторант дар боби “Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика» фарогири се фасл ба таври хеле густарда ифода ёфтааст. Муҳаққиқ бештар ҷаҳд бар он кардааст, ки омӯзиши нутқи кӯдакро аз нигоҳи олимони ИМА, Аврупо, Россия ва дигар мамолику мактабҳои забоншиносӣ ба риштаи таҳлил бикашад.

Боби дуюми “Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак” номида шудааст. Дар фаслҳои алоҳидаи ин боб масъалаи муҳиму бунёдии давраҳои инкишофи нутқи кӯдакон, шаклгирии нутқ, омилҳои нутқ ва қонунятҳои шаклгирии тавонмандии коммуникативии кӯдакон дар шароит ва муҳити забони тоҷикӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Муаллифи диссертатсия барои тақвият бахшидани назари худ мисолҳои зиёдеро аз нутқи кӯдакон таҳлил намуда, доир ба шаклгирии нутқи онҳо андешаҳои ҷолибе баён кардааст, ки онҳо бори нахуст дар забоншиносии тоҷик иброз шудаанд.

Дар боби сеюм, ки “Таҳлили забонии нутқи кӯдак” номгузорӣ шудааст, баъзе вижагиҳои фонетикӣ, таркиби луғавии нутқи кӯдак, маҳорати фарогирии грамматика ва вижагиҳои сарфию наҳвии нутқи кӯдакони тоҷик мавриди таҳлили васеъ қарор дода шудааст.

Аз таҳлилҳои амалии анҷомдодаи муаллиф бар меояд, ки М. Сайдалиева зимни гузаронидани таҷриба ва зери мушоҳидаи пайваста қарор додани нутқи кӯдакон заминаҳои рушду инкишофи нутқи онҳоро дар марҳилаҳои гуногуни синну солӣ хеле хуб ба инобат гирифтааст. Дар ҳамин замина исбот намудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни фонетикӣ, луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ дар нутқи кӯдакон дорои вижгиҳои хос буда, онҳо дар марҳилаҳои гуногуни синну солии кӯдакон шакл гирифта, рушду инкишоф меёбанд.

Докторант барои исботи амалии назари хеш аз ҷадвалҳо истифода кардааст.

Дар хулоса муаллифи диссертатсия аз кори таҳқиқотияш натиҷагирӣ карда, доир ба ҳар як бобу фасл назари илмии худро баёну ҷамъбаст намудааст.

Автореферати диссертатсия (гунаҳои тоҷикию русӣ) ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос кардааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи докторант фарогири мавзӯи диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссяи олии аттестатсонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфташуда, чоп шудаанд.

Кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти нав буда, он бори аввал ба таври нисбатан васеъ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия афкору назари фардӣ ва саҳми шахсии муҳаққиқ бараъло мушоҳида мегардад.

Бо вуҷуди ҷой доштани баъзе кабудию норасоиҳои ҷузъӣ таҳқиқоти диссертатсионии М. Х. Сайдалиева кори илмии пурра ба анҷомрасида маҳсуб шуда, ба ҳамаи талаботҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебоашад.

Бинобар ин, ба ҳайси мушовири илмӣ кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевнаро барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD бо ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – “Филология” сазовор арзёбӣ менамоям.

Доктори илмҳои филология, дотсент,
муовини якуми вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саломиён
Муҳаммаддовуд Қаюм

E-mail: salomov1967@mail.ru
Тел: 918808467

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон барои дарёфти дараҷаи доктор PhD.**

Онтолингвистика як шохаи илми забоншиносӣ буда, дар чаҳоряки охири асри XX тавсеа ёфтааст. Мақсад ва вазифаҳои илми онтолингвистика омӯзиши ташаккулу инкишоф ва фаъолияти гуфтории кӯдакон дар раванди фароянди забони модарии худ мебошад. Аввалин қадамҳо дар ташаккули илми онтолингвистика дар Россия (Виготский Л.С., Лурия А.Р., Гвоздев А.Н.) гузошта шуда, баъдан он дар Ғарб (Р.Браун, Д.Слобин, М.Брейн, М.Бауерман, Е.Кларк) рушд кард ва адабиёти зиёде дар ин замина интишор ёфт.

Ба масъалаи ташаккули нутқи кӯдак дар илми тоҷик қисман ҳангоми пажӯҳишҳои равоншиносӣ ба бархе аз паҳлуҳои нутқи кӯдак таваҷҷуҳ шудааст.

Бинобар ин, имрӯз зарурати пажӯҳиши ҳамаҷонибаи онтогенези нутқи кӯдак дар муҳити забони тоҷикӣ пеш омадааст ва кори пажӯҳишии Сайдалиева М.Х. нахустин кӯшиш дар илми онтолингвистикаи тоҷик мебошад. Бояд қайд намуд, ки аввалин бор нутқи кӯдаки тоҷикзабон аз нигоҳи назарияҳои илми забоншиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар диссертатсия заминаҳои ташаккули илми онтолингвистика дар Ғарб ва андешаҳои донишмандони асрҳои миёнаи форсу тоҷик доир ба нутқи кӯдак, тавсеаи он дар Россия ва аввалин пажӯҳишҳо дар илми ватанӣ нигошта шудаанд.

Муҳаққиқ Сайдалиева М.Х. дар асоси манобеъи муътамади илмии онтолингвистони хориҷӣ даврабандии ташаккули нутқи кӯдакро бо андешаҳои мутафовит дар атрофи ин масъала овардааст. Ӯ дар асоси омӯзиш

ва мушоҳидаҳои чандсолаи нутқи кӯдакони аз замони валодат то шашсола омилҳо ва зинаҳо ташаккули нутқи кӯдак, фароянди забонии ӯ дар муҳити забони тоҷикӣ, хусусиёти овоӣ, луғавиву сарфии нутқи кӯдак, тавонмандии кӯдак ҳангоми сохтани ҷумла ва таҳлили сохтори ин ҷумалотро муайян намуда, нукоти муҳимми онро дар се боби диссертатсия таҳлилу баррасӣ кардааст.

Нававарии таҳқиқоти Сайдалиева М.Х. дар он зоҳир мешавад, ки дар рисолаи ӯ нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик кори пажӯҳишиии муфассале дар бахши онтолингвистика мебошад. Инчунин бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик чанд соли зинаҳои фароянди забони кӯдакон дар муҳити забони тоҷикӣ мавриди мушоҳида ва омӯзиш қарор гирифта, ба воситаи равиши хотиранависӣ ва пурсиш вижагиҳои забонии он таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои баррасишаванда бар пояи пажӯҳишҳои муҳаққиқони ғарбиву рус ва муҳаққиқони тоҷику эронӣ анҷом дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастома, ҷанбаҳои назарии диссертатсия пеш аз ҳама маводи бунёдӣ дар илми онтолигвистикаи тоҷик ва барои муҳаққиқони оянда дар соҳаҳои биология, педагогика, логопедия, забоншиносии равонӣ ва забоншиносӣ (масоили назариявии фонетикӣ, фоносемантикӣ, лексикӣ, семантикӣ) маводи муфиду арзишманд хоҳад буд.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсияаш панҷ мақола дар маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» чоп кардааст, ки шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсия ва автореферати Сайдалиева Муҳаё Хостихудоевна пажӯҳиши илмии ба анҷом расида ва дорои аҳаммияти назариву илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои КАО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ меҳисобам. Дар ин замина, диссертатсияи

мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси **10.02.19 – Назарияи забон барои дарёфти дараҷаи доктор PhD** тавсия менамоям.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи таърихи
забон ва типологияи ДМТ Шарипова Фарангис Худоиевна

Имзои Ф.Шариповаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

_______________2020